«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишшоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтсодӣ, профессор
__________Хушвахтзода Қ.Х.
“____” ______________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишшоҳи миллииТоҷикистон ба диссертатсия ва автореферати Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), ки дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-47-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст. (Такрорӣ)**

Мубрамӣ, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ», ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир – роҳу воситаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бахшида шудааст. Баррасии ин масъала дар замони ҳозира дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таълимӣ, олии касбӣ, маориф, коллективҳои омӯзгорӣ талаботҳо ва вазифаҳои нав гузошта, боз ҳам аҳамияти баландро касб карда истодааст, ки муваффақият дар тарбияи насли муосири шоиста аз фаъолияти самарабахши онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад.

Доктринаи миллии таҳсили касбии омӯзгорӣ ба сифати яке аз принсипҳои ташаккули талабот ба фаъолияти омӯзгории мутахассиси оянда, инчунин мундариҷаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ тамоюли ахлоқӣ-гуманитариеро мепазирад, ки он таваҷҷуҳи хосаро ба мушкилоти дорои аҳамияти умуминсонӣ, байнифарҳангӣ, ба таҳлили масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ барои пайомадҳои фаъолияти касбӣ пешбинӣ мекунад.

Донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги дахлдор номумкин аст. Аз ин сабаб раванди таълимро тавре бояд ташкил дод, ки забони хориҷӣ (ЗХ) ҳамчун хориқаи (феномени) фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи хосаи салоҳият - салоҳияти байнифарҳангӣ тавҷеҳ карда шавад ва дар натиҷаи ниҳоӣ муоширати комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад.

Бояд қайд намуд, ки соҳиби дониш будан оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан нокифоя буда, донишҷӯи муосир бояд эҷодкор бошад, истифодаи дурусти технологияҳоро донад, донишҳои назариявиро дар амал татбиқ карда тавонад. Маҳз ҳамин нуқтаҳои муҳим асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ Раҷабова Фируза Садриддиновнаро ташкил медиҳанд.

Тавре ки унвонҷӯ иброз медорад, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси маърифатнок ҳамзамон бо забони тоҷикӣ боз забони русӣ - забони муоширати байналмилалӣ, инчунин забонҳои аврупоӣ (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ) ва осиёӣ (арабӣ, ҷопонӣ, чинӣ, куриёӣ)-ро медонад. Дар қатори забони модарӣ донистани дигар забонҳо имконият медиҳад, ки натанҳо бо фарҳанги халқҳои гуногун ошноӣ пайдо гардад, балки ҳамчунин зебоӣ ва хусусияти фарҳанги худ идрок карда шавад.

Дар методикаи муосири ватанӣ ва хориҷӣ айни замон тавҷеҳ ва тафсири мухталифи мафҳуми «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ» вуҷуд дорад. Салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ҳамчун қобилияти муқоисасозии умумиятҳои забонӣ-фарҳангии мавриди омӯзиши пайваста, эзоҳдиҳии тафовутҳои байнифарҳангӣ ва мувофиқан амал намудан дар ҳолатҳои халалдор шудани ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ фаҳмида мешавад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо бахшида ба пажуҳиши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ то ҳол дар илми педагогика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ моҳият, мундариҷа ва таркиби падидаи иҷтимоию фарҳангии мавриди таҳқиқоти мазкур амиқан *нокифоя омӯхта шудаанд*. Ҳамаи ин *мубрам будани* коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷиро дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ тасдиқ менамояд. Дар муқаддима талаботи мавҷуда нисбат ба банду басти дастгоҳи илмии рисолаҳои илмӣ риоя карда шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамии мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

**Мақсади таҳқиқот** - аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва аз тариқи озмоиш санҷидани модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ иборат аст.

**Объекти таҳқиқот** – раванди инкишофи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ҷиҳати истифодаи технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ.

**Мавзӯи таҳқиқот** - ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ.

Дар заминаи мақсад, объект ва мавзӯи тадқиқот дар рисолаи диссертатсионӣ унвонҷӯ тавонистааст, ки вазифаҳои зерини таҳқиқотро мавриди омӯзиш қарор бидиҳад:

1. Таҳлили назариявии проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ амалӣ карда шавад.
2. Вазъи рушди салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои низоми мавҷудаи таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор гардонда шавад.
3. Моҳият ва мундариҷаи салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгори забони хориҷӣ ва шароитҳои ташаккули онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории забонӣ муайян карда шавад.
4. Имкониятҳои барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои дар амал татбиқ намудани таъсири мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ ошкор карда шаванд.
5. Мундариҷаи технологияҳои бозигие, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забонҳои хориҷиро пешбинӣ менамоянд, коркард карда шавад.
6. Модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ ва технологияи амалигардонии он дар раванди таълими факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард карда шавад.
7. Меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забони хориҷӣ дар шароитҳои таълими таъҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шаванд.
8. Самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии таълими таҷрибавии омӯзгорони забони хориҷӣ ошкор ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад.
9. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои муаллимони муассисаҳои

таҳсилоти олӣ ва муаллимони забони хориҷӣ, ки ба такомулдиҳии мундариҷаи технологияи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забони хориҷӣ нигаронида шудаанд, тавҷеҳ карда шаванд.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Ба сифати дастоварди нав унвонҷӯ кӯшиш намудааст имконияти салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёнро дар раванди таълими забони хориҷӣ ошкор намояд; хусусиятҳои махсуси ангезаи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёнро дар раванди таълими забони хориҷӣ муайян намояд; аз ҷиҳати илмӣ бартарии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ исбот ва асоснок намояд; технологияи таваҷҷуҳ намудани донишҷӯёнро ба салоҳиятмандии байнифарҳангӣ дар раванди таълим коркард намояд.

Яке аз дастоварди муҳими диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ бо тамоми ҷузъиёт мушкилоти мавҷударо оид ба масъалаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ муайян намудааст. Дар ҷараёни гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки «Методҳо, шаклҳо ва воситаҳои ташаккули муоширати байнифарҳангии касбии донишҷӯён - муаллимони ояндаи забони хориҷӣ дар рафти озмоиш дар факултетҳои забонҳои романӣ-германӣ ва забони англисии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва факултети забонҳои хориҷии ДДБ ба номи Н.Хусрав, инчунин МТМУ ва литсейҳои шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар санҷида шуданд. Дар он 430 донишҷӯ (9 гурӯҳи академӣ), 146 талабаи МТМУ ва литсейҳо ширкат варзиданд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки муаллиф дар диссертатсия мавқеи худро доир ба ҷустуҷӯи роҳҳои наву самарабахши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ муайян кардааст. Ҳамзамон, мафҳумҳои “салоҳият”, “салоҳиятмандӣ”, “салоҳиятмандии байнифарҳангӣ” аниқ ва аз нуқтаи назариявӣ асоснок карда шудааст. Дар рисола дар асоси талабот нисбати омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ модели ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими муошират бо забони ғайр, ки мақсад, вазифаҳо, муносибатҳо, принсипҳо, қисматҳо, сохтор ва мундариҷаи муоширати байнифарҳангии дар шароитҳои таълим дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ташаккулёбандаро фаро мегирад, коркард карда шудааст. Модели коркардшуда барои барқарорсозии асоси назариявии омодагии донишҷӯён ва самаранокии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими забони хориҷӣ хидмат мерасонад, ки ба татбиқи он дар

рафти таълими муносибати шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ба забони хориҷӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзгорон метавонанд ба сифати коркарди ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ барои ташаккули мақсадноки муошират байнифарҳангии касбии донишҷӯён, боло бурдани сифат ва самаранокии таҳсилоти забони ғайр ва омодагии касбии донишҷӯёни факултаҳои забонҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Маводҳои таҳқиқот ҳамчунин метавонанд барои курсҳои махсус, семинарҳои махсус, таҷрибаомӯзиҳо, тренингҳо дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ истифода бурда шаванд.

Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада.

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 25 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 5 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии бадастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷуён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Дараҷаи асосноккунии нуқтаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо

Аз ҷониби унвонҷӯ ба таври муфассал таҳқиқотҳои илмии психологҳо, педагогҳо, файласуфон омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои методологӣ ва умуминазариявии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёну хонандагон матраҳ гардидаст. Дар корҳои илмии олимон хусусиятҳои махсуси психологӣ-педагогии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёну хонандагон ва дар ҷараёни таълим фаъолгардонии онҳо, роҳҳои самарабахши ҳалли вазифаҳои салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, ошкор кардани шароитҳои педагогии ташаккулёбии салоҳиятмандии байнифарҳангии хонандагону донишҷӯён омухта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки асосҳои назариявию методологии таҳқиқот ягон шубҳаро ба вуҷуд намеороанд, муаллиф дониши хуби назариявӣ,

қобилияти таҳлилу хулосабарорӣ, зоҳир намудани нуқтаҳои муҳими назарияviро оид ба ҳалли вазифаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони олмонӣ доро мебошад.

Пояи таҳқиқот ва дар амал татбиқёбии он, методҳои таҳқиқоти илмӣ, давраҳои озмоишии таҳқиқот ба мантиқи он мувофиқат менамоянд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Аз асоснок гардонидани ғояҳо ва қоидаҳои асосии рисола, коркарди модели консептуалие, ки дар асоси муносибатҳои системавӣ-ҳамгироӣ, шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва босалоҳият барои ҳалли проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар гузаронидани кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тасдиқи натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, иборат мебошад.

Ширкати шахсии муаллиф инчунин аз коркард ва амалисозии семинари махсус дар мавзӯи «Коммуникатсияи байнифарҳангии омӯзгори забони хориҷӣ», ки ба таълими озмоишӣ ворид карда шудааст, ва аз интихоби методҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди таълими касбӣ, аз татбиқи мустақим ва роҳбарӣ ҷиҳати гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз иҷрои мустақилонаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз матолиби ба чоп расонда иборат мебошад.

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин менамоянд: пуррагии муқаррароти назариявӣ, мантиқан зиддияти дохилӣ надоштани таҳқиқот, басанда будани методҳои истифодашуда барои мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин ба кор бурда шудани методҳои математикии коркарди натиҷаҳои озмоиш ва баррасӣ гардидани натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ва баҳои мусбат гирифтани онҳо, таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия.

Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми кор 181 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» муносибатҳои

асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», “салоҳиятмандӣ”, «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисони ояндаи педагогӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

Муаллифи рисола иброз медорад, ки яке аз мақсадҳои таълими забони хориҷӣ рушди салоҳияти коммуникативии ғайрзабонӣ аст, пас вазифаи асосии таълими забони хориҷӣ аз ташаккулдиҳии салоҳияти коммуникативӣ, яъне қобилияти омодагӣ ба амалисозии муошурати байнишахсӣ ва байнифарҳангӣ тавассути забони ғайр бо намояндагони забон мебошад.

Мафҳуми «салоҳияти коммуникативӣ», ки ба сифати мақсади ҳамгароикардашудаи таълими забони хориҷӣ амал менамояд, муошурати байнишахсӣ ва байнифарҳангии ғайрзабонӣ бо намояндагони забон дар ҳудуди аз ҷониби стандарт муайянгардида фаҳмида мешавад.

Диссертант дар асоси муносибатҳои коммуникативӣ, интегративӣ, когнитивӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шахсиятӣ-фаъолмандӣ “Модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ”-ро зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард намудааст, ки ҳама қисматҳои он ба ҳам вобаста ва тобеанд ва ин яклухтии онро тасдиқ мекунад. Асоси моделро мақсади такомулдиҳии раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ зимни таълими муошират бо забони ғайр ташкил медиҳад.

Дар боби дуюм «Технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» масъалаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, технологияи фаъолияти муштараки педагогии донишҷӯён дар шароити муошурати байнифарҳангӣ ва самаранокии технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифархангӣ дар давраи таълими таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ пешниҳод карда мешавад.

Унвонҷӯ иброз менамояд, ки предмети технологияи педагогии муосир фаъолиятҳои мутақобилаи мушаххаси амалии муаллимон ва таълимгирандагон дар ҳама гуна соҳа мебошанд, ки дар асоси сохторикунонӣ, банизомдарорӣ, барномасозӣ, алгоритмикунонӣ,

стандартикунонии тарзҳо ва усулҳои таълим ё тарбия ва ғайра ташкил карда шудаанд. Дар оқибат натиҷаи мусбати устувор дар азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо аз ҷониби муҳассилин, дар ташаккули шаклҳои иҷтиимоӣ-арзишӣ ва одатҳои рафтор ба даст оварда мешавад.

Раванди коркарди технологияи таълим аз муайян намудани мақсади таълим оғоз меёбад, пас созмондиҳӣ мувофиқи мақсади ниҳоии маводи таълимӣ, ки барномаи таълимӣ муқаррар кардааст, ва интихоби шаклҳо, методҳо, воситаҳои таълим ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла, технологияҳои интерактивӣ кори муаллимонро эҷодӣ ва шавқовар мекунанд, самарабахшии таълими донишҷӯёнро меафзоянд ва маҳсулнокии меҳнатро баланд мебардоранд.

Натиҷаҳои бадастовардашудаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба диссертант барои тасдиқ асос медиҳанд, ки дараҷаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён аз рӯйи ҳама нишондодҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ баланд аст, ки ин аз самарабахшии кори сомондодаи унвонҷӯ дар давраи ташаккулдиҳандаи озмоиш гувоҳӣ медиҳад. Натиҷаҳои бадастовардашуда ба туфайли татбиқгардонии модели коркардшудаи раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, ҳамчунин татбиқгардонии шароитҳои педагогӣ имконпазир шудаанд.

Натиҷа ва хулосаҳои ба даст овардашударо метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ зимни омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурд. Дар асоси нуқоти назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ *тавсияҳои методӣ таҳия ва коркард* шудааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

Камбудиҳои умумӣ оид ба диссертатсия:

1. Дар мавриди таҳқиқи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир хуб мешуд муҳақиқ андешаи худро оид ба муҳимияти робитаҳои байнифаннӣ бо ҷаҳонбинии васеъ баён менамуд.
2. Муҳаққиқ доир ба фаъолияти мутақобилаи донишҷӯён дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муҳассилин дар

муҳити бисёрфарҳангӣ изҳори ақида намудааст, ба мақсад мувофиқ мебуд агар татбиқи проблемаи мазкур дар фаъолияти беруназдарсии донишҷӯён низ нишон дода мешуд.

3. Чи дар матни диссертатсия ва чи дар автореферат хатогиҳои грамматикӣ ва имлоӣ вомехӯранд.
4. Матни русии автореферат низ ба таҳрир ниёз дорад.

Аммо камбудиҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Рисолаи пешниҳодгардида кори мустақилонаи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботи мавҷудбуда оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи рисоларо пурра дар бар мегиранд. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф боваринок, хулоса ва тавсияҳои манзургардида асоснок мебошанд.

Хулоса

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна кори таҳқиқотии пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои илмии дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ, Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва Паёми ДМТ (5 номгӯи мақола), маҷмуаҳои мақолаҳои дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расида (25 номгӯи мақолаҳо) ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташудаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос. Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба шифри ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Вобаста ба мубрамӣ, эътимоднокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот Раҷабова Ф.С. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ва талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуӣ буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Тақриз ба диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфаҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) аз ҷониби мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.п., профессор Мирализода А.М., тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедра 01 ноябри соли 2023, таҳти қарори №3 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи № 3 аз 01.11.2023.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи ДМТ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Мирализода Абдусалом Мустафо

**Ташхисгарон:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии
забони англисии ДМТ Саидзода Ҳалим Азиз

Номзади илми педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогика Худойқулова Қизларгул Ҷуракуловна

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми педагогӣ Тошзода Савриддини Ҳомид

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел:(+992) 918822340. E-mail:miraliev_61@mail.ru

*Имзоҳои А.М. Мирализода, Ҳ.А. Саидзода, Қ.Ҷ. Худойқулова, С.Ҳ. Тошзода – ро тасдиқ мекунам:*

*Сардори раёсати кадрҳо*
*ва корҳои махсуси ДМТ* *Тавқиев Э.Ш.*
01.11.2023